**ТАҚРИЗ**

**ба диссертатсияи унвонҷӯйи кафедраи забоншиносии муқоисавӣ ва назарияи тарҷумаи Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Зарипов Қобилҷон Ашуралиевич дар мавзуи «Мушкилоти лексикӣ дар тарҷумаи бадеӣ (дар мисоли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ.**

Мусаллам аст, ки дар замони муосири ҷаҳонишавӣ масъалаи тарҷума ва тарҷумашиносӣ хеле мубрам ва муҳим арзёбӣ шуда, дар ин замина тарҷумаи асарҳои бадеӣ ва хамзамон, таҳлилу таҳқиқи хусусиятҳои лексикии онҳо дар доираи забонҳои гуногун доманаи фарох касб намуда истодааст.

Мавриди зикр аст, ки асоси матнҳои бадеиро хусусиятҳои лексикии онҳо ташкил медиҳанд ва аз ҳамин нуқтаи назар, дар ҳамаи забонҳо роҳу воситаҳои мухталифи интиқоли воҳидҳои лексикӣ мавҷуд мебошанд.

Дар ин робита, мутахассисони соҳаи забоншиносӣ ва тарҷумашиносиро зарур аст, ки тавассути тарҷумаи бадеӣ оламиёнро бо осори пурғановати ниёгонамон ошно созанд, чунки фарҳанги бойи миллати тоҷик дар осори онҳо таҷассум ёфтааст.

Дуруст аст, ки омода намудани мутахассисон дар соҳаи тарҷумонӣ бидуни дар сатҳи олӣ донистани забонҳои модарӣ ва хориҷӣ имконнопазир аст, зеро бештари масъалаҳои назариявӣ ва амалии тарҷума ва тарҷумашиносӣ танҳо дар асоси муқоисаи забонҳо ошкор ва муайян мегардад. Аз ин рӯ, назарияи тарҷума бо забоншиносии муқоисавӣ алоқаи зич ва ногусастанӣ дорад ва бештари таҳқиқотҳо дар самти тарҷумашиносӣ дар ҳамбастагӣ бо забоншиносии муқоисавӣ амалӣ мегарданд ва таълифи диссертатсияву корҳои илмӣ дар риштаи муқоиса ва тарҷума бо истифодаи маводи гуногуни забони тоҷикӣ бо дигар забонҳо, аз ҷумла, бо забони англисӣ, аҳаммияти хосса пайдо кардааст.

Аз ин рӯ, интихоби мавзуи Зарипов Қобилҷон Ашуралиевич таҳти унвони «Мушкилоти лексикӣ дар тарҷумаи бадеӣ (дар мисоли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ)» актуалӣ ва саривақтӣ буда, дар раванди тарҷумаи матнҳои бадеӣ саҳми арзанда ва бориз мегузорад.

Бояд тазаккур дод, ки ҳар як забон дорои воҳидҳои гуногун буда, ҳангоми тарҷума ба забонҳои дигар мушкилии хос эҷод менамояд ва забони англисӣ низ дар қатори дигар воҳидҳои хоси худ, дорои як идда воҳидҳое

мебошад, ки аз нигоҳи ифода беназир буда, масъалаи тарҷумаи онҳо бо усулҳои гуногун сурат мегирад. Аз ин рӯ, дар раванди тарҷума зарурати ҷустуҷӯи роҳҳои махсуси тарҷума пеш меояд. Диссертатсияи мавриди назар ба ҳамин масъала бахшида шуда, дар он мушкилоти лексикӣ дар тарҷумаи бадеӣ ва роҳҳои ифодаи онҳо дар доираи забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ баррасӣ гардидааст.

Диссертатсияи Зарипов Қобилҷон Ашуралиевич аз муқаддима, се боб, хулоса ва феҳристи адабиёт иборат аст.

Муқаддимаи диссертатсияи мазкур ҳамаи бандҳои заруриро фарогир аст. Унвонҷӯ мубрамиву зарурати таҳқиқотро ба низом даровaрда, дараҷаи омӯзиши мавзуъро хуб таҳлил намудааст ва ҳадаф, объект, масъалаҳои таҳқиқ, усулҳои пажуҳиш, соҳаву марҳала, пойгоҳ, эътимоднокиву натиҷа ва навгониҳои таҳқиқ асоснок сохтааст.

Боби якуми дисертатсия «Маълумоти назариявӣ оид ба воҳидҳои лексикии тарҷума» ба масъалаҳои назариявии матнҳои бадеӣ ва таҳлили таҳвилоти тарҷумонӣ бахшида шудааст. Дар он, аз ҷумла, адабиёти илмии марбут ба воҳидҳои лексикӣ ҳангоми тарҷумаи матнҳои бадеии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ, масъалаҳои инъикоси воҳидҳои лексикӣ ва мушкилоти тарҷумаи онҳо мавриди таҳлил қарор гирифтаанд.

Аслан, тарҷума намудани матни бадеӣ ҳангоми интиқоли баъзе воҳидҳои лексикӣ аз тарҷумон на танҳо донистани забони хориҷӣ, балки доштани маҳорату малакаи тарҷумониро тақозо менамояд. Мушкилии асосии тарҷумаи матни бадеӣ дар он зоҳир мегардад, ки ҳангоми тарҷума тарҷумон бояд на танҳо маънои онро дар забони тарҷума баён кунад, балки кӯшиш намояд, ки обуранг ва тобиши эмотсионалии онро ҳифз намояд. Ҳамин тавр, чӣ гуна аз ҷониби хонанда қабул шудани асар ба тарҷумони матни бадеӣ вобаста аст. Аз ин рӯ, вазифаи асосии тарҷумон на танҳо интиқоли маълумоти матни аслӣ, балки ҳифзи воситаҳои баёни муассир мебошад.

Боби дуюм таҳти унвони «Таҳлили дараҷаҳои мутобиқати воҳидҳои лексикии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» ба таҳлили муқоисавии воҳидҳои бемуодил, муодилҳои пурра ва нопурра, воҳидҳои фразеологии муодил ва амсоли онҳо дар забонҳои мавриди назар ва ҳамчунин, умумият ва вижагиҳои хоси воҳидҳои лексикӣ бахшида шудааст. Аз ҷумла, ҳангоми мутолиаи диссертатсия маълум мегардад, ки дар забони англисӣ якчанд роҳу воситаҳои интиқоли воҳидҳои лексикӣ ба ғанӣ гардидани захираи луғавӣ ва рушди забон накши хосса мебозанд.

Боби сеюми диссертатсия таҳти унвони «Мушкилоти тарҷумаи воҳидҳои лексикӣ ва фразеологӣ аз забони тоҷикӣ ба забони англисӣ ва

баръакс» ба таҳлили роҳҳои тарҷумаи воҳидҳои лексикӣ, аз ҷумла, воҳидҳои бемуодил бо истифода аз матнҳои аслӣ ва тарҷумавии бадеӣ бахшида шудааст. Чунон ки аз диссертатсия мушоҳида мегардад, баҳри ба даст овардани тарҷумаи мукаммал, тарҷумонро зарур аст, ки якчанд қоидаю меъёрҳои заруриро донад.

Дар қисмати хулоса муаллифи диссертатсия натиҷаҳои таҳқиқоти худро мантиқан ҷамъбаст намуда, ҳамзамон, тавсияҳо оид ба натиҷаи таҳқиқотро пешниҳод мекунад.

Диссертатсияи мазкур, бешубҳа, ба рушди забоншиносии муқоисавӣ ва тарҷумашиносии тоҷик ҳангоми истифодаи забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ саҳми арзанда хоҳад гузошт.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Зарипов Қобилҷон Ашуралиевич таҳти унвони «Мушкилоти лексикӣ дар тарҷумаи бадеӣ (дар мисоли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ)» кори таҳқиқотии анҷомёфта ба ҳисоб рафта, ба талаботи «Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 ба тасвиб расидааст, ҷавобгӯй мебошад ва муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илми филоогия аз рӯи ихтисоси 6D021300-Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ – таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) мебошад.

Мушовири илмӣ,
раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти
назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон,
доктори илми филология, профессор Муҳаммадҷонзода Олимҷон Обидҷон

Нишонӣ: 734025, ш. Душанбе,
к. Беҳзод, 25
Нишонии электронӣ: m.olim@rambler.ru
Телефон: (+992) 227- 78-29

Имзои Муҳаммадҷонзода Олимҷон Обидҷонро тасдиқ мекунам:
Мудири шуъбаи кадрҳои
Кумитаи забон ва истилоҳоти
назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Абдуллоев Шариф Раҳматуллоевич
03.01.2023